**Барои пахш ва нашри фаврӣ**

# Тоҷикистон: Кӯчонидани одамон ба хотири сохтмони сарбанди Роғун одамонро аз воситаҳои зиндагӣ маҳрум мекунад

***Ҳукумат, донорҳо бояд дастрасӣ ба ғизо, об ва таҳсилотро тақвият бахшанд***

(Душанбе, 25 июни соли 2014) – Ҳукумати Тоҷикистон некӯаҳволии садҳо оиларо, ки ба хотири сохтмони сарбанди калонмиқёси НБО кӯчонида мешаванд, қурбонӣ мекунад. Сарфи назар аз ӯҳдадориҳои ҳукумат барои риоя кардани стандартҳои байналмилалии кӯчонидани одамон, ки аз ҳуқуқи одамони беҷошуда ҳимоят мекунад, он ҷуброни лозимиро барои оилаҳои беҷошуда аз хонаҳояшон ё барқарор кардани воситаҳои зиндагиашон таъмин накард. Бисёре аз оилаҳо барои дастрасӣ ба манзил, ғизо, об ва таҳсилот бо мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ шуданд.

Гузориш аз 81 саҳифа иборат буда, чунин унвон дорад: "Мо вақте ба ин ҷо омадем, бисёр ранҷ кашидем: Ҳолатҳои поймолкунии ҳуқуқҳо ба кӯчонидани одамон ба хотири сохтмони НБО-и Роғун дар Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Дар ин гузориш камбудиҳои ҷиддӣ дар раванди кӯчонидани 1500 (як ҳазору панҷсад) оила аз соли 2009 ба ин тараф аз ҷониби ҳукумат мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Қабл аз сохтмони сарбанди Роғун ва ба кор даромадани НБО-и Роғун беш аз 42 000 (чилу ду ҳазор) нафар бояд аз ин ҷо кӯчонида шаванд. Мушкили асосие, ки одамон зикр карданд, он буд, ки ба онҳо маблағи кофии ҷубронпулӣ барои сохтани манзил дода нашудааст. Ғайр аз ин, бисёре аз одамон натавонистаанд, ки дар ҷойҳои нави кӯчонидашуда андозаи лозимии заминро барои кишоварзӣ ва парвариши ҳайвонот ҷиҳати таъмини даромад дарёфт кунанд ва дар баъзе деҳаҳои нави кӯчонидашуда ҳатто мактаб надоранд.

“Ҳукумати Тоҷикистон баъзе қадамҳои муҳимро барои раванди ҳамвори кӯчдиҳӣ ба ӯҳда гирифтааст, вале бисёре аз оилаҳо дар сохтани хонаи худ, бо маводи хӯрокӣ таъмин кардани оилаи худ, фиристодани кӯдакон ба мактаб бо мушкилот мубориза мекунанд” - гуфта Франческа Корбарчо, пажӯҳишгари Созмони Дидбони Ҳуқуқи башар дар бахши Аврупо ва Осиёи Марказӣ ва муаллифи гузориш. “Ба сабаби он, ки ҳазорон оилаи дигар бояд дар оянда кӯчонида шаванд, ҳукумат фурсати муҳим ва ҳалкунанда дорад то раванди кӯчдиҳиро ислоҳ намояд ва боварӣ ҳосил шавад, ки эҳтиром бар ҳуқуқи башар баробар бо рушди иқтисодӣ пеш меравад.”

Тоҷикистон кишвари кӯҳистонӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад ва аз камбуди шадиди нерӯи барқ дар фасли зимистон ранҷ мебарад ва фасли зимистон бошад сармои сахт дорад. Дар давоми зимистон ҳукумат танҳо барои чанд соат дар минтақаҳои деҳот қувваи барқ медиҳад. Ҳукумат мегӯяд, ки лоиҳаи сарбанди нерӯгоҳ пешрафти чашмрас дар таъминоти нерӯи барқи Тоҷикистон эҷод мекунад ва дар натиҷаи фурӯши нерӯи барқи изофӣ иқтисоди Тоҷикистонро тақвият мебахшад. Санаи ба итмом расонидани сарбанди Роғун эълон нашудааст. Бонки ҷаҳонӣ ҳисоб кардааст, ки барои Тоҷикистон 16 сол лозим аст то обанбори Роғунро аз об пур кунад.

Ҳукумати Тоҷикистон ба худ ӯҳдадорӣ гирифтааст, ки ба стандартҳои Бонки ҷаҳонӣ дар мавриди кӯчонидани ғайриихтиёрии одамон эҳтиром гузорад. Ҳангоми таъмин намудани баъзе ҳимоятҳои муҳим, стантардҳои зерин ҷиҳати таъмини ҳимояти муассир барои тамоми ҳуқуқи башар (инсон) нокофӣ мебошанд. Бонки ҷаҳонӣ ваъда надодааст, ки барои сохтмони сарбанд маблағгузорӣ намояд, вале аз соли 2011 як қатор арзёбиҳоро барои кӯмак кардан ба ҳукумат анҷом додааст. Бонки ҷаҳонӣ лоиҳаҳои калонмиқёси сохтмони

сарбандро дар ҷойҳои дигар ҳимоят кардааст, ки дар он ҷойҳо поймолкунии ҷиддии ҳуқуқи башар мушоҳида шудааст.

8 июни соли 2014 замоне, ки гузориш ба ВАО пахш мешуд, Бонки ҷаҳонӣ нусхаи ниҳоӣ дар бораи ин арзёбиҳо ва ҳуҷҷати таҳиякардаи худро оид ба масъалаҳои калидии вобаста ба лоиҳаи нашр кард. Бонки ҷаҳонӣ эътироф кардааст, ки зарурат барои кӯчонидани шумораи зиёди одамон таъсири асосӣ ба сохтмони сарбанди Роғун дорад ва ин беҷошавӣ ҳам таъсири иқтисодӣ ва ҳам ҷисмонӣ дорад ва барқарор кардани воситаҳои зиндагӣ ҳангоми кӯчонидан ва баъд аз он як ҷузъи ҳаётӣ дар раванди кӯчонидан ба ҳисоб меравад.

Бонки ҷаҳонӣ ва дигар донорҳои потенсиалӣ бояд барои кафолат додани он ки ҳуқуқи башар дар раванди кӯчонидани одамон эҳтиром карда мешавад, бо ҳукумат ҳамкорӣ кунанд. Дар ҳоле, ки нусхаи интишордодаи Бонки ҷаҳонӣ таҳти унвони "Арзёбии таъсироти муҳити зистӣ ва иҷтимоӣ" мушоҳидаҳои байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва қонунҳои байналмилалӣ оид ба обро дар назар мегирад, он воситаҳои дахлдори байналмилалии ҳуқуқи башарро дар назар намегирад, ки онҳо бояд роҳнамои раванди кӯчонидан бошанд.

Донорҳо бояд маблағгузории ҷанбаи кӯчонидани одамон дар лоиҳаро ба шарте дар назар гиранд, ки тамоми раванди кӯчдиҳӣ мутобиқ бо қонунҳои байналмилалии ҳуқуқи башар мебошад. Онҳо бояд ба таври мунтазам аз болои кӯчонидан назорат кунанд ва ва ба ҳар гуна вокуниши фаврӣ дар мавриди ҳар мушкилу масъалаи зоҳиршаванда, махсусан масъалаи поймолкунии ҳуқуқи башар мусоидат намоянд.

Гузориши Созмони Дидбони Ҳуқуқи башар бар таҳқиқоти баргузоршуда дар Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 2013 то моҳи феврали соли 2014 ва 156  мусоҳиба бо одамоне, ки кӯчонида шуда буданд, ё дар раванди кӯчонидан қарор доштанд,  ё дар оянда кӯчонида мешаванд, асос ёфтааст.  Ҳукумат оилаҳоро аз соҳаҳои минтақаҳои поёндаст ва наздик ба сохтмони сарбанд ба деҳаҳои навбунёд кӯчонидааст, ки баъзе аз онҳо то 200 километр аз деҳаҳои пешина фосила доранд. Ба оилаҳо ба таври маъмулӣ дар деҳаҳои навбунёд қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шудааст ва онҳо аз ҳукумат барои сохтани хонаҳои нав ҷубронпулӣ дарёфт мекунанд.

Ҳамаи заминҳо дар Тоҷикистон моликияти давлат аст, вале мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ ҳар касе, ки аз ҷониби ҳукумат кӯчонида мешавад, ба ҷубронпулии одилона ва муносиб барои моликияти аз даст додаи худ ҳақ дорад ва ҳам бояд воситаҳои зиндагии ӯ барқарор карда шавад.

Ҳукумат барои ҳамаи ҷомеаҳои кӯчонидашуда заминҳои кишоварзиро дастрас насохтааст. Дар натиҷа, оилаҳо бояд пули зиёдро барои маводи хӯрокӣ сарф кунанд ва ба хотири вобаста будан ба заминҳои кишоварзӣ ва парвариши ҳайвонот барои ба даст овардани хӯрокворӣ ва даромад онҳо воситаҳои зиндагии худро аз даст доданд. Ҳатто агар заминҳои кишоварзӣ дар деҳаҳои навбунёд дастрас ҳам бошад, ҳукумат ба оилаҳои кӯчонидашуда иттилооти муносибро дар бораи дастрас будани замин ва чӣ гуна пешниҳод кардани дархост барои он ба онҳо надодааст.

Хуршеда (номи мустаор) модари панҷ фарзанд ба Созмони Дидбони Ҳуқуқи башар гуфт, ки  вақте ӯро кӯчониданд, ӯ аз аз полези сабзавот ва боғаш маҳрум шуд ва маҷбур буд ба хотири набудани замини чарогоҳ ҳайвоноти худро фурӯшад. “Ҳоло кӯдакони ман аз ман хоҳиш мекунанд, ки ба онҳо мева диҳам,” - гуфт ӯ. “Ман кӯшиш мекунам ба онҳо қандчой дода, ҳавосашонро ба дигар тараф барам.... Кӯдакон [ҳамчунин] мехоҳанд шир хуранд ва [ҳоло] ман бояд онро харам.  Ман пул надорам, пас ман наметавонам ин ҳамаро бихарам.”

Бисёре аз хонаводаҳои кӯчонидашуда бо душвориҳои ҷиддӣ дар пайдо кардани шуғли дарозмуддат рӯбарӯ шуданд. Сатҳи бекорӣ дар саросари Тоҷикистон хеле баланд аст ва садҳо ва ҳазорҳо нафар дар хориҷ барои чанд моҳ дар сол кор мекунанд. Бо ин ҳол, барои оилаҳои кӯчонидашуда масъалаи набудани ҷои кор ба сабаби набудани замини кишоварзӣ дараҷаи ками ҷубронпулӣ боз ҳам мушкилтар шудааст. Баъзе сокинон гуфтанд, ки онҳо ба хотири сар кардани сохтмони хонаҳои нав натавонистанд ба муҳоҷирати корӣ раванд, чун намехостанд оилаҳои худрро дар хонаҳои нотамом партофта раванд.

“Оилаҳои кӯчонидашуда, ки заминҳои кишоварзӣ, боғ ва чарогоҳи худро аз даст доданд, ҳамчунин қисми асосии қобилияти худ барои таъмини воситаҳои зиндагии худро аз даст додаанд”, - гуфт хонуми Корбарчо. “Ҳукумат масъулият дорад кафолат диҳад, ки стандарти зиндагӣ барои одамоне, ки он маҷбуран кӯчонидааст, коҳиш намеёбад.”

Баъзе ҷомеаҳои кӯчонидашуда ҳатто мактаби маҳаллӣ надоранд, сарфи назар аз он ки Бонки ҷаҳонӣ ва стандартҳои дигар сохта ба истифода додани мактабро қабл аз кӯчонидани сокинон талаб мекунанд. Бисёре аз кӯдакон дар ин деҳаҳо то ду соат бояд пиёда роҳ раванд, то ба деҳаҳои ҳамсоя ба мактаб раванд. Падару модарон ва кӯдакони ба ноҳияи Данғара кӯчонидашуда ҳам гузориш доданд, ки маъмурияти мактаб кӯдаконро ба ҷамъовании пахта дар мавсим пахтачинӣ маҷбур карданд ва баъзан онҳоро аз дарс гирифта ба пахтачинӣ бурдаанд.

Дастрасӣ ба мактаби миёна барои духтарон дар бисёре аз қисматҳои кишвар ҳамчун як душворӣ мушоҳида мешавад. Вале Созмони Дидбони Ҳуқуқи башар чунин дарёфт, ки кӯчонидани одамон ва махсусан дур будани мактабҳо масъаларо боз ҳам бадтар кардааст.

“Ба хотири он ки деҳаҳои нави кӯчонидашуда аксари вақтҳо беш аз 100 километр аз деҳаҳои аслӣ дур ҷойгир шудаанд, оилаҳои кӯчонидашуда аксари вақтҳо имконияти камтар доранд, вале онҳо ночоранд дар ҷойҳои нав моҳҳо зиндагӣ кунанд, ҳатто бидуни мактаб ва василаҳои дигар.” - гуфт хонуми Корбарчо. “Ҳукумат бояд фавран барои ҳамаи деҳаҳои навбунёд мактабро таъмин намояд, то таҳсилоти кӯдакон қатъ нашавад.”

Дар деҳаҳои наздик ба сохтмони сарбанди Роғун, ки одамон ҳоло ҳам дар он деҳаҳо зиндагӣ мекунанд ва мунтазири кӯчдиҳӣ ҳастанд, таркишҳои мунтазам тирезаҳои онҳоро шикастааст ва харобиҳое дар хонаҳои онҳо эҷод кардаанд. Ҳарчанд коргарон ҳангоми таркиш сокинонро бо истифода аз мошину автобус ба ҷойҳои дигар интиқол медиҳанд, вале калонсолон ва маъюбон маҷбуранд дар хона бимонанд, агар воситаи нақлиёт мавҷуд набошад ва онҳо дар хатари маҷрӯҳшавӣ аз резиши санг ва шоки таркиш қарор мегиранд.

Ҳукумати Тоҷикистон бояд кафолат диҳад, ки воситаҳои зиндагии шахсони кӯчонидашуда барқарор карда мешавад, - изҳор намуд намояндаи Созмони Дидбони Ҳуқуқи башар. Ҳукумат бояд раванди кори худро дар мавриди ҳисобкунӣ ва пардохти ҷубронпулӣ аз нав арзёбӣ намояд, то раванди кӯчдиҳӣ арзиши сохтан ва кӯчидан ба хонаҳои навро инъикос кунад, заминҳои кишоварзиро омода ва дастрас намояд ва фавран хидматрасониҳоеро монанди расонидани об, нерӯи барқ ва таҳсилотро таъмин намояд. Мақомот бояд ҳамчунин аз наздик шароитро барои сокинони кӯчонидашуда назорат (монитор) кунад ва таваҷҷуҳи махсус ба гурӯҳҳои дарканормонда монанди оилаҳои дорои сарпарасти зан ва одамони маъюб зоҳир намояд.

“Масъалаи саъйу кӯшишҳои Тоҷикистон барои афзоиш додани дастрасӣ ба қувваи барқ мавриди савол қарор надорад,” - гуфт хонум Корбарчо. “Вале Ҳукумат бояд кафолат диҳад, ки барномаи кӯчдиҳӣ одамонро аз воситаҳои зиндагӣ маҳрум намесозад.”

Дар мавриди иқтибосҳои гирифташуда аз гузориш, лутфан ба қисмати поён мурочита намоед.

**Барои иттилооти бештар лутфан тамос гиред бо:**
Дар Душанбе, Франческа Корбарчо (ба забони англисӣ): +1-646-255-9219; ё corbacf@hrw.org. Тамос дар Twitter @frankiejumps
Дар Душанбе, Чейн Бучанан (забонҳои англисӣ, русӣ): +1-646-644-4847; ё buchanj@hrw.org. Тамос дар Twitter @JaneMBuchanan
Дар Вашингтон ДС, Чессика Эванс (ба забони англисӣ): +1-917-930-7763; ё evansj@hrw.org. Тамос дар Twitter @evans_jessica
Дар Берлин, Ҳаг Вилямсон (ба забонҳои англисӣ, олмонӣ): +49-172-282-0535 (мобилӣ); ё williaa@hrw.org. Тамос дар Twitter @HughAWilliamson

**"*Вақте мо ба ин чо омадем, ранчу азоб кашидем: Ҳолатҳои поймолкунии ҳуқуқҳо ба кӯчонидани одамон ба хотири сохтмони сарбанди НБО-и Роғун дар Тоҷикистон алоқаманд мебошад*" дастрас аст дар:**
http://hrw.org/node/126075

**Ҷиҳати маълумоти бештар дар бораи гузориши Созмони Дидбони ҳуқуқи башар дар Тоҷикистон, лутфан боздид кунед аз:**
http://www.hrw.org/europecentral-asia/tajikistan

**Ҷиҳати маълумоти бештар дар бораи гузориши Созмони Дидбони ҳуқуқи башар оид ба Бонки ҷаҳонӣ, лутфан боздид кунед аз:**
http://www.hrw.org/topic/business/world-bank-imf

**Порчаҳои интихобшуда аз "*Вақте мо ба ин чо омадем, ранчу азоб кашидем: Ҳолатҳои поймолкунии ҳуқуқҳо ба кӯчонидани одамон ба хотири сохтмони сарбанди НБО-и Роғун дар Тоҷикистон алоқаманд мебошад*":**

**Хуршеда - зани кӯчонидашуда ба ноҳияи Данғара**
Хуршеда - модари панч фарзанд, ки ба деҳаи навбунёд дар ноҳияи Данғара дар соли 2013 кӯчонида шудааст, ҳангоми мусоҳиба гуфт, ки нигоҳ доштани ҳайвонот як навъ суғурта ва кафолат барои замони бухрони молиявӣ буд. Вай гуфт, ки пас аз кӯчонидан оилаи ӯ ба сабаби набудани замини кишоварзӣ ва набудани имкон барои парвариши ҳайвонот бо душвории шадиди молиявӣ рӯбарӯ шуд:

Ҳоло мо ба пул ниёз дорем, бародарони шавҳари ман онро аз Русия ирсол карданд, вале мо наметавонем ҳамеша аз онҳо чунин хоҳиш кунем. Баъзан мо аз ҳамсоягон қарз мегирем, ки бояд қарзро баргардонем. Дар Нуробод мо пул қарз намегирифтем..... зеро мо дар боғи худ ҳама чизро доштем ва ҳайвонот ҳам парвариш мекардем. Бо доштани ҳайвонот ҳар лаҳза мо метавонистем онро зинда фурӯшем ё барои гӯшт фурӯшем. Ин ба мо хеле кумак мекард.

Ҳоло кӯдакони ман аз ман хоҳиш мекунанд, ки ба онҳо мева диҳам. Зиндагӣ бе полезу боғ ва ҳайвонот барои мо хеле сахт шудааст. Мо фақат аз ин чизҳо истифода карда рӯз мегузаронидем.... Меваи хушк гуворову ширин буд. Ҳоло ман бояд кӯшиш кунам то ба онҳо қандчой дода [ба чои мева], ҳавосашонро ба дигар тараф барам.... Ҳоло мо бояд ба бозор равем ва ҳатто чизҳои майдав чуйда ва содаро пул дода харем. Кӯдакон мехоҳанд шир хуранд ва ман бояд онро харам.  Ман пул надорам, пас наметавонам зиёд бихарам."

**Зевар Ф. - шахси кӯчонидашуда ба ноҳияи Рӯдакӣ**
Зевар Ф. - модари се кӯдаки хурдсол дар ноҳияи Рӯдакӣ мавриди мусоҳиба қарор гирифт. Ӯ гуфт, ки писарашро барои мактаб бояд ба деҳаи ҳамсоя фиристад, зеро деҳаи навбунёд мактаб надорад ва ин масъала манбаъи ҳаррӯзаи изтироб ва нигаронӣ аст:

Писари калонии ман [7-сола] дар мактаб мехонад …. Ман ҳамеша аз он дар ташвиш ҳаст, ки ӯ пиёда меравад …. Ӯ то соатҳои 5-6-и бегоҳ дарс мехонад ва вақте ба хона меояд, тамоман торик мешавад …. Вақте ҳаво бад бошад, ман кӯшиш мекунам онҳоро ба мактаб нафиристонам. Ӯ баъзан зиёд гиря мекунад, зеро намехоҳад ба он ҷо равад. Вақте борон меборад, пойҳои ӯ тар мешавад. Ва ӯ бештар гиря мекунад.

**Ҳурмуз Т. (номи мустаор) - шахси кӯчонидашуда ба ноҳияи Рӯдакӣ**
Бисёре аз шахсони кӯчонидашуда ба таҳқиқгарон гуфтанд, ки онҳо зуд ҷубронпулиҳоро барои харидани маҳсулоти марҳилаи ибтидоии сохтмон харҷ карданд ва бояд боқимондаи пулро аз даромади ночизи худ харҷ кунанд ё молу мулки худ ба монанди ҳайвонот ё мошинро барои харидани маҳсулоте монанди санг, семент ва бомпӯш кардани хонаи нав ва интиқол додани онҳо фурӯшанд. Ҳурмуз Т. ҳамчун ронандаи таксӣ дар атрофи деҳаи навбунёд барои муҳоҷирон дар ноҳияи Рӯдакӣ дар як қисми рӯз кор мекунад. Вай аз ҷумла гуфт:
Ман 60 000 (шаст ҳазор) сомонӣ (баробари US$12,500) ҷубронпулӣ гирифтам. Ман бояд ҳамаи чизҳои арзишдор - ҳайвонот, мошинамро фурӯшам то сохтмони хонаро тамом кунам.... Дар ҷои пешина мо як хона бо шаш дар ҳуҷра доштем. Дар ин ҷо мо фақат ду ҳуҷра дорем [барои ҳашт нафар]…. Ҷубронпулӣ барои сохтани фақат як ҳуҷраи хурд кифоят кард.